هيثم سرحان

# فتاوي عن الزكاة

# ФАТВОҲО АЗ ЗАКОТ

ҲАЙСАМ ИБНИ МУҲАММАД САРҲОН

СОБИҚ МУАЛЛИМИ МАЪҲАДИ ҲАРАМ

ДАР МАСҶИДИ НАБАВӢ ВА РОҲБАРИ

СОМОНАИ ТАЪСИЛИ ИЛМӢ

اللغة الطاجيكية

**ЗАБОНИ ТОҶИКӢ**

ALSARHAAN.COM
MAHADSUNNAH.COM


الله
بسم الله الرحمن الرحيم

## Оё андозҳо аз закот ҳисоб карда мешавад?

Савол

Оё барои инсон ҷоиз аст, ки андозҳои бар зиммаи худ бударо аз закоти молҳояш пардохт намояд?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ҷоиз нест, ки андозҳое ки соҳибони молҳо бар молҳояшон мепардозанд, аз закоте ки воҷиб аст, ҳисоб карда шавад. Балки бояд закоти фарзшуда алоҳида бароварда шуда, ба мустаҳиққони шаръияш, ки онҳоро Аллоҳ таъоло дар ояти зерин муайян намудааст, сарф карда шавад:

إِنَّمَا الصَّدَقَاتُ لِلْفُقَرَاءِ وَالْمَسَاكِينِ وَالْعَامِلِينَ عَلَيْهَا وَالْمُؤَلَّفَةِ قُلُوبُهُمْ وَفِى الرِّقَابِ وَالْغَارِمِينَ وَفِى سَبِيلِ اللهِ وَابْنِ السَّبِيلِ فَرِيضَةً مِّنَ اللهِ وَاللهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ

سورة التوبة: ٦٠

**«Садақаҳо танҳо барои фақирон ва мискинон ва коргузорони ҷамъоварии он ва дилҷӯшудагон ва барои (озод кардани) бандагон ва (пардохти қарзи) қарздорон ва дар роҳи Аллоҳ ва мусофирон (дарроҳмондагон) аст. Фаризаест аз ҷониби Аллоҳ. Ва Аллоҳ донои ҳаким аст».**

**(Сураи Тавба: 60).**

Аллоҳ донотар аст.

Сарчашма: Фатово-Л-Лаҷнату-Д-Доима: 9/285.

## Закот додан ба толибилм

Савол

Агар марде тамоми вақти худро ба талаби илми шаръӣ бахшад, пас оё ҷоиз аст, ки ба ӯ барои садди эҳтиёҷоташ, аз қабили хароҷот (хӯроку пӯшока ва ғайра) ва харидани китобҳо закот дода шавад?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Мустаҳаққони закот ҳашт тоифа мебошанд, ки Аллоҳ таъоло онро дар ояти зерин зикр кардааст:

إِنَّمَا الصَّدَقَاتُ لِلْفُقَرَاءِ وَالْمَسَاكِينِ وَالْعَامِلِينَ عَلَيْهَا وَالْمُؤَلَّفَةِ قُلُوبُهُمْ وَفِي الرِّقَابِ وَالْغَارِمِينَ وَفِي سَبِيلِ اللهِ وَابْنِ السَّبِيلِ فَرِيضَةً مِّنَ اللهِ وَاللهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ

سورة التوبة: ٦٠

**«Садақаҳо танҳо барои фақирон ва мискинон ва коргузорони ҷамъоварии он ва дилҷӯшудагон ва барои (озод кардани) бандагон ва (пардохти қарзи) қарздорон ва дар роҳи Аллоҳ ва мусофирон (дарроҳмондагон) аст. Фаризаест аз ҷониби Аллоҳ. Ва Аллоҳ донои ҳаким аст».**

**(Сураи Тавба: 60).**

Мурод аз "роҳи Аллоҳ" ҷиҳод аст, то ки калимаи Аллоҳ боло бошад. Ба муҷоҳид барои садди эҳтиёҷоташ, аз қабили хароҷот (хӯроку пӯшока ва ғайра) закот дода мешавад ва ҳамчунин ба ӯ барои харидани силоҳ молоҳое дода мешавад.

Донишмандон гуфтаанд: Аз ҷумлаи "роҳи Аллоҳ" ин мардест, ки тамоми вақти худро ба талаби илми шаръӣ мебахшад. Ба ӯ мувофиқи эҳтиёҷоташ, аз қабили хароҷот, пӯшока, хӯрок, нӯшокӣ, ҷои зист ва китобҳои илмӣ аз закот дода мешавад, зеро илми шаръӣ як навъ ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ аст. Ҳатто Имом Аҳмад (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: "Ҳеҷ чизе баробари илм шуда наметавонад, агар ният холис бошад".

Илм асоси шариат аст ва бидуни илм шариат нест. Аллоҳ таъоло Қуръонро нозил кардааст, то мардум бо адолат амал кунанд ва аҳкоми шариати худ ва ҳар он чизеро, ки зарур аст, аз қабили ақида ва гуфтору кирдор таълим бигиранд.

Аммо ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ аз беҳтарин амалҳо, балки қуллаи баланди Ислом аст. Ҳеҷ шубҳае дар фазилати он нест, вале илм дар Ислом мақоми баланде дорад ва ворид шудани илм ба ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ возеҳу равшан аст ва ишколе дар он нест. Поёни сухан.

"Маҷмӯу фатово"-и Ибни Усаймин (337-338).

Аз Кумитаи доимӣ пурсиданд: Оё сарф намудани закот ба толибилмоне, ки сахт мӯҳтоҷанд, ҷоиз аст?

Дар ҷавоб гуфтанд: Бале, закот додан ба онҳо барои садди эҳтиёҷоташон ҷоиз аст.

"Фатово-л-лаҷнату-д-доима" (10/17).

Дар "Ал-Мавсуъату-л-фиқҳийя" омадааст: "Фақеҳон бар раво будани закот додан ба толибилм иттифоқ кардаанд. Ҳанафиён, шофеиён ва ҳанбалиён онро равшан баён кардаанд ва аз мазҳаби моликиён низ чунин фаҳмида мешавад. . . Баъзе аз ҳанафиён гуфтаанд, ки агар толибилм танҳо барои таълим ва омӯхтани дониш фориғ шуда бошад, ҳатто сарватманд ҳам бошад, закот гирифтанаш ҷоиз аст, зеро ӯ барои кор кардан вақт надорад.

Нававӣ мегӯяд: Агар ба касб қодиру тавоно бошад, ки лоиқи ҳолаш аст, вале ӯ ба омӯхтани илмҳои шаръӣ машғул аст, тавре ки агар ба касб рӯй оварад, аз донишомӯзӣ дур мешавад, закот барои чунин шахс ҳалол аст, зеро талаби илм фарзи кифоя аст.

Аз Ибни Таймия оиди толибилме, пурсиданд ки барои харидани китобҳо мол надорад, оё кор карда он китобҳоро мехарад? Дар ҷавоб гуфт: Ҷоиз аст, ки мувофиқи ҳоҷаташ барои китобҳои илмие, ки барои манфиати дин ва дунёяш зарурӣ аст, аз закот бигирад.

Буҳутӣ мегӯяд: Шояд он аз ҳашт тоифаи дар оят зикршуда берун нашавад, зеро он аз ҷумлаи эҳтиёҷоти толибилм мебошад ва он ба монанди нафақа ба ҳисоб мервад. Фақеҳон закотро танҳо барои толибилми шаръӣ (толибилме, ки ба омӯхтани илмҳои динӣ машғул аст) ҷоиз донистаанд.

Ҳанафиён гуфтаанд, ки фиристодани закот аз як кишавар ба кишвари дигар барои толибилм ҷоиз аст. Поёни сухан бо ихтисор. "Ал-Мавсуъату-л-фиқҳийя" (28/337).

Аллоҳ таъоло донотар аст.

Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Закот додан ба толибилм

Савол

Ҳукми закот додан ба толибилм чист?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Толибилме, ки тамоми вақти худро ба талаби илми шаръӣ бахшидааст, ҳатто агар барои дарёфти ризқ қодиру тавоно бошад ҳам, ба ӯ закот додан ҷоиз аст, зеро талаби илми шаръӣ як навъ ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ аст ва Аллоҳ таъоло ҷиҳод дар роҳи худро яке аз синфҳои мустаҳаққони закот қарор додааст. Аллоҳ таъоло фармудааст:

إِنَّمَا الصَّدَقَاتُ لِلْفُقَرَاءِ وَالْمَسَاكِينِ وَالْعَامِلِينَ عَلَيْهَا وَالْمُؤَلَّفَةِ قُلُوبُهُمْ وَفِى الرِّقَابِ وَالْغَارِمِينَ وَفِى سَبِيلِ اللهِ وَابْنِ السَّبِيلِ فَرِيضَةً مِّنَ اللهِ وَاللهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ

(سورة التوبة: ٦٠).

**«Садақаҳо танҳо барои фақирон ва мискинон ва коргузорони ҷамъоварии он ва дилҷӯшудагон ва барои (озод кардани) бандагон ва (пардохти қарзи) қарздорон**

**ва дар роҳи Аллоҳ ва мусофирон (дарроҳмондагон) аст. Фаризаест аз ҷониби Аллоҳ. Ва Аллоҳ донои ҳаким аст». (Сураи Тавба: 60).**

Аммо агар толибилм тамоми вақти худро ба талаби илми дунявӣ бахшида бошад, ба ӯ закот дода намешавад. Мо ба ӯ мегӯем: Ҳоло шумо барои дунё талош мекунед ва шумо метавонед ба воситаи ҳунари худ мол ба даст оваред, аз ин рӯ, мо ба шумо закот дода наметавонем". Поёни сухан.

Шайх Муҳаммад ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод).

"Маҷмӯу фатово"-и Шайх Ибни Усаймин (18/409).

Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб

## Додани закот ба хешовандон

Савол

Оё додани закот ба хешовандони фақиру мӯҳтоҷ, ба монанди бародару хоҳар ва амаку амма ҷоиз аст?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Додани закот ба хешовандоне, ки онҳо аз аҳли закотанд, беҳтар аст аз додани он ба бегонагон. Зеро садақа ба хешованд, садақа ва ҳам силаи раҳм ба ҳисоб меравад. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мефармояд:

**"Ҳароина садақа ба мискин танҳо садақа аст, садақа ба хешованд бошад, садақа ва силаи раҳм мебошад".** Ривояти Насоӣ (2581) ва Тирмизӣ (658). Албонӣ ин ҳадисро дар "Саҳиҳи Насоӣ" (2420) саҳеҳ хондааст.

Аммо агар он хешовандон аз ҷумлаи касоне бошанд, ки нафақаашон бар ту воҷиб аст, вале ту ба хотири зиёда напардохтан закоти молатро ба онҳо бидиҳӣ, ин кор ҷоиз нест.

Аммо агар молат барои нафақаи онҳо кофӣ набошад, дар ин ҳолат метавонӣ закотатро ба онҳо бидиҳӣ. Инчунин агар онҳо аз мардум қарз гирифта бошанд, аз закотат қарзҳои онҳоро адо намоӣ, ҳеҷ боке надорад. Зеро бар хешованд зарур нест, ки қарзи хешованди худро адо намояд, аз ин рӯ пардохти қарз аз закот ҷоиз аст. Ҳатто агар қарздор писар ё падари ту бошад ва қарзашро дода натавонад, бароят ҷоиз аст, ки онро аз закотат пардохт намоӣ.

Аз фатвои Шайх Муҳаммад ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) "Фатовои Шайх Муҳаммад ибни Солеҳи Усаймин" (1/461).

Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Оё кӯмак кардани ҷавони диндор бар издивоҷ садақаи ҷория ҳисобида мешавад?

Савол

Модарам вафот кард, вале ӯ васият карда буд, ки сеяки тилловорияш дар садақаи ҷория харҷ карда шавад. Оё кӯмак кардани ҷавони диндор бар издивоҷ садақаи ҷория ҳисобида мешавад?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Садақаи ҷория дар назди донишмандон ба маънои вақфе, ки соҳибаш онро холис барои ризогии Аллоҳ таъоло гузошта бошад ва он аз намуди чизҳое бошад, ки манфиаташ бардавом бошаду, хубиаш ба мардум доимо бирасад, аз ин рӯ, аҷру савобаш низ барои соҳибаш дар назди Аллоҳ идома хоҳад ёфт.

Муслим (1631) аз Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят кардааст, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мефармояд: **«Вақте инсон бимирад, амалаш канда ва қатъ мегардад, магар аз се чиз: Садақаи ҷория, илме, ки аз он манфиат бурда шавад ва ё фарзанди солеҳе, ки барояш дуо кунад».**

Нававӣ (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: “Донишмандон гуфтаанд: Маънои ин ҳадис, ки амали майит (шахси вафоткарда) бо маргаш қатъ шуда, аҷру савоб низ барояш қатъ мегардад, магар дар ҳамин се чиз, зеро ӯ худ дар

зиндагӣ ба ин корҳо сабаб шудааст. Фарзанди солеҳ ва ҳамчунин илму донише, ки пас аз худ гузоштааст, аз қабили таълими мардум ва таълифи китобҳо ва инчунин садақаи ҷория, яъне вақф аз амалҳои ӯст. (Яъне ҳамаи ин чизҳо бо сабаби худи ӯ хосил шудаанд, чунки ӯ дар зиндагияш фарзанди солеҳро тарбия намудааст ва ё ба мардум илм омӯхтааст ва вақфе гузоштааст)”. Поёни сухан.

Ибни Асир дар китоби “Анниҳоя” (1/739) гуфтааст: “(Садақаи ҷория) яъне давомноку пайваста, ба монанди вақфҳое, ки барои корҳои хайр муайян карда шудаанд". Поёни сухан.

Сарахсӣ дар китоби “Ал-Мабсут” (12/32) гуфтааст:“Мақсади вақфкунанда ин аст, ки (савоби) садақаи кардааш барояш то рӯзи қиёмат идома ёбад”. Поёни сухан.

Изз ибни Абдуссалом дар  китоби“Қавоиду-л-аҳком” (1/135) гуфтааст: “Ҳамчунин садақаи ҷория бар вақф ва васият намудани ҳосили майдони  хона ва ё меваҳои боғи худ маънидод карда мешавад. Инҳо аз касби худи ӯст, ки ба ин чизҳо ӯ сабаб шуда буд. Аз ин рӯ, аҷру савоби сабаб шудан ба ӯ дода мешавад”. Поёни сухан.

Дар китоби “Асна-л-матолиб” (2/4457) омадааст: “Садақаи ҷория назди олимон, чи тавре, ки Рофеӣ гуфтааст,  ба маънои  вақф аст”. Поёни сухан.

Ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст:“Садақаи ҷория, яъне ки инсон чизеро садақа менамояд, ки нафъи он чиз давомнок аст. Беҳтарини он масҷидҳо мебошад. Бино

кардани масҷидҳо садақаи ҷория мебошад, зеро аҷру савоби бинокунанда, то он даме, ки ин масҷидҳо барпоянд, давом хоҳад ёфт, зеро ки  мусулмонон дар масҷидҳо барои иҷрои намоз, қироат, таълиму омӯзиш ва барои дигар амалҳои нек меистанд.

Аз ҷумлаи садақаҳои ҷория, ин вақф кардани ақор (мулки ғайри манқул), боғ ва ё мисли он бар камбағалон, мискинон, толибилмон, муҷоҳидони роҳи Аллоҳ ва ғайра мебошад.

Аз ҷумлаи садақаҳои ҷория, ин чоп намудани китобҳои фоиданоке барои мусулмонон мебошад,  ки онро хонда баҳраманд гарданд, фарқе надорад, ки муаллифони он китобҳо муосир бошанд ва ё гузаштагон бошанд, муҳим он аст, ки китобҳои фоиданок бошанду мусулмонон баъд аз ӯ баҳра баранд.

Аз ҷумлаи садақаҳои ҷория, ин таъмири роҳҳо мебошад, зеро инсон агар роҳҳоро таъмир кунад ва чизҳои азиятдиҳандаро аз он дур намояд ва мардум аз он роҳҳо истифода бурданд, бешак ин низ аз ҷумлаи садақаҳои ҷория мебошад.

Қоидае, ки бо воситаи он садақаи ҷория муайян карда мешавад, ин аст:  Ҳар амали солеҳе, ки баъди марги инсон идома ёбад, садақаи ҷория ҳисобида мешавад”. Поёни сухан аз китоби “Шарҳу риёзи-с-солиҳин” (саҳ: 1587).

Шайх Фавзон гуфтааст:“Савоби чизҳои зерин ба майит мерасад: Агар молеро вақф карда бошаду он дар роҳи хайр

истифода шавад ва ин вақф баъди вафоти ӯ низ идома ёбад, пас то он замоне, ки ин вақф вуҷуд дорад, аҷру савоби он ба ӯ мерасад”. Поёни сухан.

“Ал-Мунтақо мин фатово-л-фавзон” (11/41).

Ба ҷавоби саволи рақами (43101 ) ва (122361 ) нигаред.

Бино бар суханони зикршуда, кӯмак кардани ҷавон барои издивоҷ садақаи ҷория ҳисобида намешавад, гарчанде ки ин кор барои касе ки барои нигоҳ доштани иффат ва баровардани ҳоҷати худ ва инчунин зиёд кардани насли мусулмонон саъю кӯшиш дорад, савоби бузурге дорад.

Аллоҳ донотар аст.

Сарчашма: Сомонаи Ислом Савол Ва Ҷавоб.

## Дар моҳи Рамазон чӣ чиз беҳтар аст, пардохти закоти мол ё таом додан ба камбағалон?

Савол

Дар моҳи Рамазон чӣ чиз беҳтар аст, пардохти закоти мол ё таом додан ба камбағалон?

Матни ҷавоб

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Закот ибодати фарзие буда вақти муайяни худро дорад, ки он гузаштани як соли ҳиҷрӣ бар нисоб мебошад, ҳар вақт ки сол пурра шавад, пардохти закот воҷиб мегардад. Шахсе, ки

дар моли ӯ закот воҷиб шудааст ва вақти пардохти он омадааст, ба таъхир гузоштани он аз вақти фарзшуда, ҷоиз нест, магар дар ҳолате, ки узри шаръӣ вуҷуд дошта бошад.

Барои адо намудани закот, моҳи Рамазонро мунтазир шудан ҷоиз нест, ба ҷуз андаке, монанди як ё ду ҳафта. Лутфан ба ҷавоби саволи рақами (13981) нигаред.

Ибни Қудома (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: "Закотро ба зудӣ (ба тезӣ) адо намудан воҷиб мебошад. Барои касе ки қудрат ва имконияти пардохтани закотро дорад, ҷоиз нест, ки онро ба таъхир бияндозад, ин дар ҳолест, ки аз зараре хавф надошта бошад. Ин суханонро Шофеӣ гуфтааст". Поёни сухан. Китоби "Ал-Муғнӣ" (2/289).

Шайх Ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) пурсида шуд:Оё закот дар моҳи Рамазон афзалият дорад, дар ҳоле ки он рукне аз рукнҳои Ислом аст?

Чунин ҷавоб дод :"Закот монади дигар ибодатҳо аз амалҳои хайр буда, дар вақтҳои бофазилат, афзалтар мегардад. Лекин ҳар гоҳ закот воҷиб гашту, сол пурра шуд, бар инсон воҷиб аст, ки закотро адо намояд ва ба Рамазон ба таъхир наандозад. Агар дар моҳи Раҷаб як соли пурра шавад, набояд онро ба моҳи Рамазон ба таъхир андозад, балки бояд онро дар моҳи Раҷаб бидиҳад. Агар дар моҳи Муҳаррам як соли пурра шавад, пас ӯ бояд дар моҳи Муҳаррам закотро адо намояд ва набояд онро ба моҳи Рамазон ба тахъир андозад. Аммо агар дар моҳи Рамазон

як соли пурра шавад, пас ӯ закотро дар моҳи Рамазон адо менамояд". Поёни сухан. "Фатово исломия" (2/164).

Мақсади саволдиҳанда аз закот шояд садақаи нофила бошад, шакке нест ки саховатмандиву дасткушодӣ ва бахшоишу ато бо мол, таом, либос ва ғайра дар моҳи Рамазон аз дигар моҳҳо дида афзалтар мебошад. Барои ҳамин ҳам паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) дар Рамазон аз дигар моҳҳо дида бисёр саховатмандтар мешуд.

Аз Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят аст, ки мегӯяд: **«Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) саховатмандтарини мардум буд ва дар Рамазон бош ад, аз дигар вақтҳо дида саховатмандтар мешуд, ҳангоме ки Ҷибрил (а) бо ӯ дидор менамуд. Ӯ ҳар як шаби Рамазон бо расулуллоҳ дидор мекард ва бо ӯ Қуръонро мудораса мекард. Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) (дар Рамазон) аз боди вазанда ҳам саховатмандтар буд».** Бухорӣ ин ҳадисро зери рақами (6) ва Муслим зери рақами (2308) ривоят карданд.

Нававӣ гуфтааст: Дар ин ҳадис фоидаҳои бисёр вуҷуд дорад, аз ҷумла: Мустаҳаб будани саховатмандии бештар дар моҳи Рамазон. "Шарҳи Муслим" (15/69).

Ибни Қаййим (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: **"Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) саховатмандтарини мардум буд ва дар моҳи Рамазон бисёр саховатмандтар мешуд, дар он моҳ садақаву эҳсон, тиловати Қуръон, зикру намоз ва эътикофро зиёд анҷом медод".**

Поёни сухан. "Зоду-л-маод" (2/32).

Таом додан аҷру подоши бузург дорад ва барои иҷрокунандаи ин амал аҷру савоби зиёд дода мешавад. Ҳамоно Аллоҳ таъоло зикр намудаст, ки яке аз сифатҳои мӯъминони сазовори ҷаннат, ин аст, ки онон ба мардум таом медиҳанд. Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَيُطْعِمُونَ الطَّعَامَ عَلَى حُبِّهِ مِسْكِينًا وَيَتِيمًا وَأَسِيرًا . إِنَّمَا نُطْعِمُكُمْ لِوَجْهِ اللَّهِ لا نُرِيدُ مِنْكُمْ جَزَاءً وَلا شُكُورًا . إِنَّا نَخَافُ مِنْ رَبِّنَا يَوْمًا عَبُوسًا قَمْطَرِيرًا . فَوَقَاهُمُ اللَّهُ شَرَّ ذَلِكَ الْيَوْمِ وَلَقَّاهُمْ نَضْرَةً وَسُرُورًا . وَجَزَاهُمْ بِمَا صَبَرُوا جَنَّةً وَحَرِيرًا

الإنسان/8-12.

**«Таомро бо вуҷуди ин, ки дӯст медоранд, ба мискин ва ятим ва асир медиҳанд (ва мегӯянд:) "Мо фақат ба хотири розигии Аллоҳ ба шумо таом медиҳем ва аз шумо на подоше мехоҳем ва на сипосе.**
**Ҳамоно мо аз Парвардигорамон метарсем, (аз азоби) рӯзе ки абус ва хеле душвор аст".Пас Аллоҳ онҳоро аз шарри ҳамон рӯз нигаҳ дошт ва ба онҳо хуррамӣ ва шодмонӣ бахшид. Ва ба(подоши) сабре, ки карданд, ҷаннат ва (либоси) абрешимро ба онон ато намуд».**

(Сураи Инсон: 8-12).

Ва инчунин паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) хабар додааст: **«Касе рӯзадореро ифтор диҳад,ба монанди ӯ под ош хоҳад гирифт».** Тирмизӣ ин ҳадисро зери рақами (807) ва Ибни Моҷа зери рақами (1746) ривоят кардаанд. Албонӣ дар "Саҳеҳу-т-тирмизӣ" ин ҳадисро саҳеҳ донистааст.

Ва ҳамингуна газаштагони солеҳамон низ, ба таом додан зиёд саъю кӯшиш мекарданд, зеро (дар ҳадисҳову оятҳо) ба ин амал тарғибу ташвиқ омадааст.

Бояд донист, ки аз таом додан, дигар ибодатҳо низ сар мезанад, аз ҷумла меҳрубонӣ ва муҳаббат ба таомдодашудагон, ки ин сабабе аз сабабҳои дохил шудан ба ҷаннат мебошад. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)фармудааст: **«Ба ҷаннат дохил намешавед, то имон наёваред ва имони шумо комил намегадад, то ягдигарро дӯст надоред».**

Ва инчунин аз ибодатҳое, ки аз таом додан сар мезанад, ин ҳамнишинӣ бо солеҳон ва талаби савоб намудан дар кӯмаки онон бар ибодатҳое, ки аз таоми шумо қувват гирифтаанд.

Аммо дар мавриди бартарии таом додан бар садақа ё акси он, (яъне кадоме беҳтар аст, таом додан ё садақа) бисёре аз гузаштагон таом додани бародаронро аз садақа додан ба мискинон афзал медонистанд.

Ҳадиси марфуъе дар ҳамин маъно аз Анас бо санади заифе ривоят шудааст, хоссатан агар бародарон ҳамонгуна таомро наёбанд.

Аз Алӣ (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят шудааст, ки гуфтааст: Ҷамъ намудани бародарҳоям бар сари як соъе аз таом, бароям беҳтар аст, аз ин ки ба бозоратон ворид шуда, ғуломонеро бихараму, озод намоям.

Ва аз Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Алӣ ривоят аст, ки гуфтааст: Агар даҳ дӯстонамро даъват намуда, хӯроки дилкашашонро ба онҳо пешниҳод кунам, бароям аз озод кардани даҳ фарзанди Исмоил беҳтар мебошад.

Шарҳи ҳадиси "Ихтисому-л-малъи-л-аъло"-и Ибни Раҷаб аз китоби "Маҷмуъу-р-расоил" (4/41).

Хулоса: Садақа кардан бо мол ва таом додан (ба мардум) ҳардуи он фазилати бузурге доранд. Аз ин хотир, барои анҷом додани ин ду ибодат дар якҷоягӣ саъю кӯшиш намоед, то барои шумо аз ҳамаи ибодатҳо насибе бошад.

Аллоҳ донотар аст.

Сарчашма: Ислом Савол Ва Ҷавоб.